**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур")**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ оид ба мушкилоти кори ҳадафмандона бо кӯдакони болаёқат ва ҷавонони боистеъдод дар сатҳи давлатӣ қайд кардааст:- «Ҷаҳиши босифат дар рушди технологияҳои нав талаботи ҷомеаро ба одамоне, ки қодиранд масъалаҳои навро ба тариқи ғайримуқаррарӣ ҳал намуда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мундариҷаи нав ворид кунанд, ба миён овард. Ин ниёз танҳо дар сурати ҳифз ва афзун намудани нерӯи зеҳнии кишвар иҷро карда мешавад. Маҳз кӯдакони лаёқатманд барои ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти беҳамтои такрор кардани захираҳои зеҳнии инсониро фароҳам меоранд». Кор бо кӯдакони болаёқат ҳамчун як самти афзалиятнок дар сатҳи ҷомеа ва ҳам дар сатҳи давлатӣ махсус қайд карда мешавад. Танҳо шахси қобилиятнок метавонад бо каму кости иҷтимоӣ саҳмгузорӣ намуда, такя бар меъёрҳои аслии ақлонию маънавӣ дар ҳалли мушкилоти давлатию сиёсӣ ширкат варзад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм мавзуъҳое рӯйи кор омада истодаанд, ки барои рушди ҷомеаи муосир мақоми хоса доранд. Яке аз чунин мавзуъҳо "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" мебошад, ки имрӯз мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он мебошад, тарз ва усули кор бо хонандагони болаёқатро ҳамчун захираи бузургу тавоно коркард намуда, саҳмгузори рушди ҷомеа мегардонад.

Дар ҷараёни аз худ намудани дониш, малакаю маҳорат, ташаккул додани заминаҳои маънавӣ, инкишоф додани қобилияту завқият ҳатмӣ буда, дар баробари талаботи тарбиявию таълимӣ, талабот ба худинкишофдиҳӣ бояд риоя гардад. Ин раванд, хусусан дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бараъло ҳис карда мешавад.

Муассисаҳои таълимӣ ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода аз усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Мақсади асоссии таҳқиқот муайян намудани усулҳои муосири таълими хонандагони болаёқат мебошад.

Навгонии илмии тадқиқот масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти "Кӯдаки болаёқат" дар илмҳои педагогика ва психология мавриди омӯзишу таҳлил қарор ёфта, аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок шуда, модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" коркард ва пешниҳод гардидаро инъикос менамояд.

Рисолаи мазкур, аз муқаддима, ду бобҳо, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор баррасӣ мешавад.

Дар боби якум "Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми таҳсилоти хонандагони болаёқат" масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти "кӯдаки болаёқат" дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат

ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ менамояд.

Боби дуюм "Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат" ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур баррасӣ намудааст.

Автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва ҳалли масъалаҳои мазкур банду баст шуда, хулосаҳои амиқи лмӣ пешниҳод шудааст.

Кори илмии Нурматова Нигора Латифовна таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мувофиқ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сатторов А.Қ.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, (+992) 901408848;
E-mail: asroriddin@mail.ru

Имзои Сатторов А.Қ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.